**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Т.Д. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Обидов Ф.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Собирзода Н.М. (аъзо), ки бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) омухта ба чунин хулоса омад:

1. Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон”, муҳим, тақозои замон, саривақтӣ ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи муаллиф ба шумор меравад, ки ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатии кормандонро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол рушд ва инкишоф ёфта, аҳаммияти бештар касб намуда истодааст. Ин соҳа яке аз соҳаҳои сердаромад дар миқёси ҷаҳон, бахусус, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад. Мувофиқ ба

нишондиҳандаҳои оморӣ, соҳаи сайёҳӣ дар бештари кишварҳои ҷаҳон яке аз соҳаҳои фаъоли иқтисодӣ дониста шуда, ба рушду инкишофи ҳамаҷонибаи он шароитҳои нав ба навро андешида, маблағгузориҳо равона намуда истодаанд. Маблағгузориҳои ҷоригардида, барои азнавсозӣ, бунёди сохторҳою зерсохторҳои корхонаю ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ, ташкили муосиртарин меҳмонхонаҳо, сохтани маҷмааҳои истироҳатӣ, азнавсозии мавзеъҳои рекреатсионӣ ва рушдиҳии дигар зерқисматҳои он, ки барои ин соҳа ҳамчун асос ва заминагузор дониста мешаванд, аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, корхонаҳои хусусии кишвар ва хориҷӣ, инчунин, ширкатҳои байналмилалӣ саҳмгузорӣ карда истодаанд. Инкишофёбии хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишварро низ рушд дода, барои шахсони бекор ҷойҳои нави корӣ пешниҳод карда мешаванд. Инчунин гардиши молу маҳсулоти ватанӣ зиёд шуда, даромаднокии бештаре ба соҳибкорон пешниҳод мегардад. Дар ҳолати даромаднок гаштани соҳаҳои муҳими иқтисодӣ фаъолнокии онҳо барои пардохтҳои ҳатмии давлатӣ боло рафта, таъсирашон ба буҷаи давлат низ мерасад. Дар оянда ин маблағҳо барои рушд ва инкишофдиҳии соҳаи сайёҳӣ, кумаки моддӣ расонида, такмили низоми ҳавасмандгардонии кормандони ширкатҳои сайёҳиро зина ба зина баланд мебардоранд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, дар баробари доштани шароитҳои мусоиди сайёҳӣ, боз идоракунии захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии онҳо, яке аз ҳадафҳои асосӣ дониста мешавад. Захираҳои меҳнатӣ, бахусус, иқтидори меҳнатии онҳо, нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ дорои як қатор хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки онҳоро чунин маънидод намудан мумкин аст: якум, эҳсос намудан ба тағйиротҳо дар рушди фаъолият ва дуюм, ҳолати рӯҳӣ-равонии корманд, бахусус мотиватсия ва ҳавасмандии онҳо нисбат ба фаъолияти касбиву ҳунариашон ва тарзу қабули барномаву қарори роҳбарӣ мебошад. Ин хусусиятҳо водор ба он менамояд, ки

истифодабарии иқтидори меҳнатии ширкату корхонаҳои сайёҳӣ, ки дорои низоми муайяни худ мебошанд, тамоми назоратҳои мавҷударо дар бар мегирад.

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асоси Ҳукумати кишвар оид ба рушд ва инкишофдиҳии соҳаи сайёҳӣ мусбат арзёбӣ гардида истодааст, чунки то соли 2030-юм ин соҳаи муҳимми иқтисодӣ бояд то 10 фисади аҳолии фаъоли иқтисодиро ба ҷойи корӣ таъмин намояд. Аммо барои мувazзаф шудан ба ҳадафҳои мазкур ва рушди устувори сайёҳӣ дар кишвар бояд механизми идоракунӣ, бахусус, бахши ҳавасмандии кормандон, ташкили шароитҳои хуби корӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии онҳо дар ширкату корхонаҳои сайёҳии кишвар роҳандозӣ карда шавад, то ки ин муҳиммияти мавзуи баррасишавандаро нишон медиҳад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ гардида, инчунин, ба зинаҳои минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодгардида яке аз мавзуҳои муҳимми иқтисодӣ дониста шуда бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Барои амалигардонии ҳадафҳои стратегияи мамлакат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), ки он вобаста ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

5. Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 17 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар дигар нашрияҳо рӯйи чоп ба табъ расидааст, ки пурра мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Нуктаҳои муҳимми диссертатсия дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ва дар дигар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқоти муҳокима ва баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои менеҷмент, менеҷменти кадрӣ, менеҷмент ва маркетинг, иқтисодиёти меҳнат, идоракунии захираҳои меҳнатӣ, назорати ҳайати коргарон, менеҷменти сайёҳӣ ва дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва давлатии стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, хусусан, дар равишҳои муайянкунандаи рушди соҳаи хизматрасонӣ (сайёҳӣ) метавонад истифода гардад.

6. Дар диссертатсияи Эсанов М.Д. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда

бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи Эсанов М.Д. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

8. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмии барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшаванда мебошад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шавад:

- **Амонова Дилбар Субҳоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон.

- **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи 100 нусха автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Низомова Т.Д.

**Аъзоёни комиссия:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Обидов Ф.С.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Собирзода Н.М.